ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи: «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ пешниҳод гардидааст.

Чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, бо истеҳсоли гӯшт ва шир дар иқтисоди кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), тахминан 60% патогенҳои сироятии инсон аз ҳайвонот интиқол меёбанд ва 75% онҳо сабаби бемориҳои зуд-зуд ё музмин мешаванд.

Барои таъмини рушди устувори соҳа, нигоҳдорӣ ва афзоиши саршумори чорво ва баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот бо дарназардошти талаботи афзояндаи аҳолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аммо, солҳои охир мушкилоте, ки ба марги оммавии ҳайвонот ва зарурати нест кардани онҳо дар натиҷаи эпизоотияҳо вобастаанд, монеаи ҷиддӣ барои рушди соҳаи чорводорӣ мегарданд.

Тибқи таҳлилҳои муаллиф маҳсулоти ҳайвонот дар этиологияи бемориҳои сироятӣ нақши калидӣ доранд. Бо мақсади пешгирии сирояти зоонозҳо тавассути маҳсулоти сироятёфта, назорати мунтазами сифати шир зарур аст, зеро истеҳсоли маҳсулоти ширии бехатар кафолати солимии аҳолӣ мебошад.

Муайян намудани равандҳои микробиологии эҳтимолие, ки ба афзоиши микроорганизмҳо дар шир мусоидат мекунанд, яке аз вазифаҳои муҳими тибби ветеринарӣ мебошад. Шир муҳити мусоиде барои афзоиш ва фаъолияти бисёр намуди микроорганизмҳо буда, метавонад, ки дар шароити муайян сабаби заҳролудшавии ғизоӣ ва сироятҳои зоонозӣ дар инсон гардад.

Дар Тоҷикистон хатари паҳншавии бемориҳои зоонозии сироятӣ дар байни ҳайвонот, инчунин истеъмоли маҳсулоти ширии сироятёфта метавонад ба саломатии инсон хатар эҷод намояд. Бемориҳои асосии зоонозӣ, ки аксаран дар шакли сироятҳои омехта ба мушоҳида мерасанд, брутселлёз, салмонеллёз, сироятҳои стафилококкӣ ва стрептококкӣ мебошанд. Ин сироятҳо метавонанд тавассути истеъмоли шири хоми ҳайвоноти бемор ба инсон гузаранд.

Аз ин рӯ, ташхис ва муайянсозии барангезандаҳои бемориҳои зоонозӣ дар ҳайвонот, инчунин муайян кардани патогенҳо дар шир бо мақсади татбиқи тадбирҳои зиддиэпизоотӣ ва пешгирии паҳншавии сироятҳо яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ба ҳисоб меравад.

Автореферати Шарипов Рустам Миралиевич ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мувофиқат дошта, бахусус ба банди 5.1, 5.5 ва 5.11-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии соҳаи микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ (ихтисоси 06.02.02) мутобиқ мебошад.

Рисолаи илмии Шарипов Р.М. таҳти унвони «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ пешниҳод шудааст, як кори мустақил ва пурра анҷомёфта мебошад ва саҳми арзандае дар рушди илмҳои микробиология ва эпизоотология мегузорад. Аз рӯи мубрамият, навоварии илмӣ, аҳамияти амалӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, рисолаи мазкур шубҳае ба миён намеорад, мувофиқи талаботи муқарраршуда тартиб дода шудааст ва ба таври мусбат арзёбӣ мегардад.

Профессори кафедраи фармакология
ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур, д.и.в. Мирзоахмедов Ш.Р.
01.10.с2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Гагарин 52а
Tel./Fax.: (992) 935700716
E-Mail.: shoahmad1953@mail.ru

Имзои Мирзоахмедов Ш.Р. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо _____ Курбонзода А.Х.

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru
01 октябри соли 2025